# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқи ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)» барон дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ).**

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти илмии он ҷамъоварӣ, маводҳои илмӣ, сарчашмаҳо ва инчунин бойгони мебошад. Ин равандт таҳқиқот на танҳо барои санъати саҳнавӣ муҳим аст, балки барои таҳқиқоти илмӣ ва баланд бардоштани маърифати таърихии ҷомеа низ аҳамияти хос дорад.

Аз ин рӯ, мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқи ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)», ки аз ҷониби мухаккик Якубшоев Афруз Хубоншоевич мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст, дар замони муосир муҳим ва саривақтист.

Рисола аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат буда, ҳаҷман 184 саҳифаро дар бар мегирад.

Боби аввали рисола «Мақоми санъати театри тоҷик дар ҷомеаи муосир» унвон дошта, дар он роҷеъ вазъи умумии театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият, мушкилот ва норасоиҳои соҳа, фаъолияти театрҳо маълумоти муфассал гирдоварӣ намудааст.

Боби дуюми рисола зери унвони «Рушди хусусиятҳои хоси миллии санъати мусиқии тоҷик дар солҳои истиқлол» буда, дар он масоили мубрами ҳаёти мусиқии кишвар, мушкилиҳо, камбудиҳо ва пешравиҳои соҳа дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюми рисола зери унвони «Дигаргуниҳо ва назари нав дар синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият» буда, дар он масъалаҳои тамоюли нав дар санъати синамо ва ҳамкориҳои хориҷии синамогарони тоҷик мавриди тадкик ва омӯзиш қарор дода шудаанд.

Тибқи иттилои дар рисола овардашуда, яке аз корҳои мондагори муаллиф ин аст, ки дар зербобҳо палӯҳои санъати мусиқиро таҳлил намудааст, дар ин росто ходимон, кормандони фарҳанг оҳангсозон ва санъаткорони тоҷик корҳои зиёди эҷодиро ба сомон расонида, санъати волои мусиқии тоҷикро дар сатҳи байналмилалӣ бо сифати нав ва сатҳи баланд муаррифӣ намудаанд. Ин кор арзиши илмии рисоларо меафзояд.

Муваффақияти дигари муаллиф дар он аст, ки оиди санъати синамо, театр ва мусиқии тоҷик тамоми палӯҳои асосиро баҳри пешбурди соҳа ва рушди он аз ҳар ҷиҳат омӯхта ҳар яки онро шарҳу тавзеҳи муфассал додааст.

Автореферат ва диссертатсия ба талаботҳои илмӣ, меъёрҳои муайяншуда ҷавобгӯ буда, мавзуъро ҳамаҷониба, бо навгониҳои илмӣ ва таҳлилҳои амиқ омӯхтааст. Диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич **барон** дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) тавсия карда мешавад.

**Муқарриз:** Доктори илмҳои
таърих, профессор Пирумшоев Ҳ.

Имзои д. и. т., профессор Пирумшоев Ҳ.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти таърих, бостоншиносӣ
ва мардумшиносии ба номи
А. Дониши АМИТ Файзуллоева Г.

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Якубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқи ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)» барон дарёфти дарадаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ).**

Омӯзиш ва хулосабарориҳои масоили таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои тоҷик яке аз ҷузъиётҳои муҳимми соҳаи фарҳанг мебошад, ки аз нигоҳи пешрафти таърихии ҷомеа мубрам буда, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад. Ин самти таҳқиқот ҳолати рушди санъати театрӣ, мусиқӣ, синаморо фаро мегирад, ки баррасии масоили мазкур яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири тоҷик мебошад.

Муаллифи рисола мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро аз он иборат медонад, ки бо вуҷуди дастовардҳои зиёд дар соҳаи фарҳанги Тоҷикистон ҳамчунин мушкилот, камбудиҳо, норасоиҳои зиёде ҷой доранд, ки ҳаллу фасли онҳо бе таҳлили илмӣ, баҳои воқеӣ ва тавсияҳои амалӣ аз имкон берун аст. Дар санъати театрии тоҷик дар охири солҳои 90-ум дар натиҷаи душвориҳо, чанд сол театрҳои касбӣ аз фаъолияти худ боз монданд ва танҳо бо кӯшиш ва ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти кории театрҳо дубора барқарор карда шуда, ба мустаҳкамкунии пойгоҳи моддӣ-техникии онҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид. Дар соҳаи мусиқӣ дар солҳои истиқлолият тағйироти назаррасе арзи ҳастӣ намуданд, вале дар ин даврон муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос аз оркестри синфонӣ, аз муассисаҳои таълимии мусиқӣ хело авҷ гирифт. Ромишгарон, овозхонҳо ва ҳунарпешаҳои опера ва балет кишварро тарк намуданд, ки дар натиҷа коллективҳои филармонии оркестрҳои симфонӣ ва камеравӣ пароканда шуданд. Вале бо вуҷуди ин тамоми мушкилоти моддӣ ва маънавӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри пешрафт ва барқароркунии соҳаи фарҳанг чораҳои амалӣ андешида, доир ба ин соҳа санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муносиб таҳия ва тасдиқ намуд. Санъати синамои тоҷик вазъияти аз ин бартаре надошт ва мушкилоту норасоиҳои ин соҳа ҳам шабеҳи санъати театрӣ мебошад. Ба ин соҳа ҳамоно кадрҳои баландихтисос, васоити техникӣ, маблағ барои таҳия ва истеҳсоли филмҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатӣ намерасанд. Дараҷаи омузиши мавзуъро муаллиф ба панҷ қимат гуруҳбандӣ карда адабиёти васеъро истифода намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИ ҶТ, тахти унвони «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқи ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)» ба иҷро расидааст. Муаллиф **мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро** ҳамчун таҳлили вазъи кору фаъолияти театрҳо дар ҷумҳурӣ, рушди санъати саҳнавӣ дар замони истиқлолият, мақом ва нақши санъати синамо дар даврони истиқлолият, ҳолат ва натиҷагирии санъати саҳнавӣ, муайян намудани дастовардҳо ва камбудиҳо дар ин соҳа ва таҳияи тавсияҳову пешниҳодот нишон додааст. Вобаста ба мақсади гузошташуда дар рисолаи илмӣ вазифаҳои баррасӣ намудани вазъи театрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият ва муайян намудани вазъи муосир ва пешомадҳои рушди фарҳанг ва мақоми соҳаҳои санъат дар баланд бардоштани сатҳи фарҳанги аҳолии ҷумҳурӣ баррасӣ мешаванд.

Бо дарназардошти меҳнати шоёни муаллиф ва саҳми гузошташуда дар таҳқиқи масоили таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои тоҷик аз нигоҳи пешрафти таърихии ҷомеа ва инчунин бо моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ доштани рисолаи муаллиф онро барои пешниҳод дарёфти дарадаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанй) сазовор медонем.

**Муқарриз:** Мудири кафедраи фанҳои
ҷомеашиносӣ «МТҒ» Донишкадаи
тиббӣ- иҷтимоии Тоҷикистон
н. и. т., дотсент Муродов С.С.

Имзои н. и. т., дотсент
Муродов С.С.-ро тасдиқ менамоям:
И. в. Сардори шуъбаи
кадрҳои «МТҒ» Донишкадаи
тиббӣ- иҷтимоии Тоҷикистон Қарахонзода М.М.

**Ба Шурои диссертатсионии 6D КОА-082-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», (суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67)**

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Якубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D0203 - 01 Таърихи ватанӣ).-Душанбе, 2025.

Рисолаи номзадии Якубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)» аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат буда, яке аз мавзуъҳои мубрами рӯз барои илми таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ маҳсуб меёбад.

Дар муқаддима тамоми масъалаҳои матраҳшаванда дуруст арзёбии илмии худро ёфтаанд. Муаллиф мубрамияти мавзуъро дар 3 зербанд мушаххас баён доштааст. Барои мисол муаллиф менависад, ки: «Дар соҳаи мусиқӣ дар солҳои истиқлолият тағйироти назаррасе арзи ҳастӣ намуданд, вале дар ин даврон муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос аз оркестри синфонӣ, аз муассисаҳои таълимии мусиқӣ хело авҷ гирифт. Ромишгарон, овозхонҳо ва ҳунарпешаҳои опера ва балет кишварро тарк намуданд, ки дар натиҷа коллективҳои филармонии оркестрҳои симфонӣ ва камеравӣ пароканда шуданд. Вале бо вуҷуди ин тамоми мушкилоти моддӣ ва маънавӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри пешрафт ва баркароркунии сохаи фарҳанг чораҳои амалӣ андешида, доир ба ин соҳа санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муносиб таҳия ва тасдиқ намуд» (С.3-4 автореф.).

Бояд таъкид намуд, ки то имрӯз дар хусуси «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)», таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода нашудааст. Таҳқиқоти мазкур аввалин талошҳои воқеӣ дар Тоҷикистон барои бозтоби илмии санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият дар 25 соли охир ба шумор меравад, ки аз ҷониби муаллиф холисона мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст

Муаллифи рисола ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро чунин муайян

намудааст:

- баррасӣ намудани вазъи театрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият;
- муайян намудани вазъи муосир ва пешомадҳои рушди фарҳанг ва мақоми соҳаҳои санъат дар баланд бардоштани сатҳи фарҳанги аҳолии ҷумҳурӣ;
- инъикоси фаъолияти театри тоҷик ва муайян намудани душвориҳою мушкилот вобаста ба рушди он;
- нишон додани мақом ва нақши санъати синамо дар тарбияи фарҳангӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва дарки эстетикии шаҳрвандони ҷумҳурӣ;
- нишон додани саҳми мутахассисони ҷавон дар инкишофи санъати мусиқии тоҷик.

Муаллифи рисола нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи худро бо далел ҷамъбандӣ намуда, онҳоро дар 7 банди мушаххас асоснок намудааст.

Аҳамияти амалии диссертатсия ба ақидаи муаллифи рисола дар он ифода меёбанд, ки: «Истифодаи мавод, хулосаҳо ва пешниҳодоти дар рисолаи мазкур овардашуда ба воридкунии усулҳои самаранок барои рушди соҳаи фарҳанг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир мусоидат хоҳанд кард. Таҳқиқоти мазкур дар доираҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст ва ин рисола метавонад барои касоне, ки дар ин масъала таҳқиқ мекунанд, манбаи хуб бошад. Ҳамчунин мазмуну мундариҷаи рисола ба кормандони соҳаҳои ҷудогонаи фарҳанг барои тартиб додани барномаҳои давлатии дарозмудат ба сифати дастур хидмат карда метавонад. Маводи таҳқиқотро ҳангоми навиштани барномаҳо, китобҳои дарсӣ доир ба таърихи фарҳанги Тоҷикистон метавон мавриди истифода қарор дод. Ҳамзамон онро ҳамчун сарчашма метавон барои омода намудани воситаҳои таълимӣ аз фанҳои таърих, этика, эстетика, фарҳангшиносӣ ва ғайра васеъ истифода бурд» (С.10-11 автореф.).

Хулосаҳои боварибахш аз натиҷагирии бобҳои дохилӣ дар саҳифаи охири автореферат пешниҳод мегарданд.

Муаллиф бо мақсади омӯзиши минбаъдаи таҳқиқоти мавзуи мазкур тавсияҳои амалии худро дар 10 зербанд пешниҳод намудааст, ки ҷолиб мебошанд.

Забон ва услуби навишти рисолаи илмӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Дар автореферати рисола баъзан ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ба мушоҳида расиданд, ки ислоҳпазир буда, ба ҳеҷ ваҷҳ қимати

илмии рисоларо коста намекунад.

Умуман, автореферати диссертатсияи Якубшоев Афруз Хубоншоевич мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошташуда аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи диди тоза ва мантиқӣ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Якубшоев Афруз Хубоншоевич сазовоори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D0203 - 01 Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои таърих,
и.в. дотсенти кафедраи фалсафа ва
фанҳои гуманитарии АИД назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодиров Д.С.

«Имзои Қодиров Д.С.-ро
тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои
махсуси АИД назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Телефон (+992) 987103625
E-mail: dovar.qodirov.88@mail.ru

**Отзыв**
**на автореферат диссертации Якубшоева Афруза Хубоншоевича «История сценического искусства, музыки и кино Таджикистана в годы независимости (1991-2016)» на соискание учёной степени доктора философии (PhD), доктора по специальности 6D020300 – История (6D020301- Отечественная история)**

Диссертант А.Х. Якубшоев в своей диссертационной работе «История сценического искусства, музыки и кино Таджикистана в годы независимости (1991-2016)» поднимает важные вопросы, связанные с положением и развитием сферы музыки, кино и театра в суверенном Таджикистане. Процесс обогащения городской и сельской среды произведениями искусство музыки, кино и тетра в Таджикистане всегда оставался весьма актуальным и был связан не только с конкретными художественными образами, но и с определенным историческим временем, его идеологией на современном этапе развития независимого Таджикистана.

Рассматривая историю сценического искусство, музыки и кино Таджикистана 20 начало 21 веков, Якубшоев А. Х. условно выделяет несколько этапов развития этих сфер культуры республики. Количество и качество театров, произведений искусства кино и музыки, согласно содержанию автореферата, всегда были обусловлены политическими и экономическими изменениями в стране. Диссертант верно отметил, что, таджикское искусство одно из важнейших отраслей в области культуры, которую следует изучать и исследовать с точки зрения исторического прогресса общества.

В конце 20 столетия, как указывает диссертант, произошла перестройка государственной политики в области культуры и искусство, снятие идеологических рамок и различного рода ограничений. В связи с улучшением экономической ситуации из года в год, все больше средств выделяются и расходуются на восстановление и дальнейшее развитие сферы культуры. В Таджикистане начинает появляться новый интерес к творческой деятельности театров, киноискусство и музыки формирования системы ценностей и национальной этики. Исследование, проведенное Якубшоевым, позволило ему выявить необходимость в настоящее время усиления взаимосвязей между обществом, государством и культурой, особенно сценического искусство, кино и музыки.

Диссертант систематизировал материалы различного рода, посвященные изучаемой проблеме Таджикистана 20-начала 21веков, что может послужить основой для будущей монографии, альбома и

соответствующего каталога указанного исторического периода. Подобная публикация, без сомнения, будет являться источником для решения практических задач в области улучшения деятельности театров, работников сферы искусство музыки и кино, ученых, которые могут позитивно повлиять на формировании национального самосознания, патриотизма, познания поучительной истории предков и эффективных достижений независимости.

В заключение можно констатировать, что полученные автором результаты достоверны, выводы и заключения обоснованы. Диссертация Якубшоев А. «История сценического искусства, музыки и кино Таджикистана в годы независимости (1991-2016)» отвечает требованиям, предъявляемым к кандидатским диссертациям ВАК при Президенте Республики Таджикистан, а её автор заслуживает присуждения ему учёной степени доктора философии (PhD), доктора по специальности 6D020300 – История (6D020301- Отечественная история).

Кандидат исторических наук,
доцент, заведующий кафедрой культурологии
факультета истории и международных
отношений Российско-Таджикского
(Славянского) университета
***Умарова Зарина Ходжамахмадовна*** / ____________ /

Подпись кандидата исторических наук, доцента, заведующего кафедрой культурологии Российско-Таджикского (Славянского) университета Умаровой З.Х. «Заверяю»

Начальник Управления кадров Российско-Таджикского (Славянского) университета «_1_»_декабря_2025 г. /________ Исмоилова М.Н.

Адрес организации: 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М.Турсун-заде, 30. Тел.: +992(37) 2213550 www.rtsu.tj